**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарифзода Раҳматулло Файзулло дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.).**

Шарифзода Раҳматулло Файзулло доир ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст. Муаллифи диссертатсия мубрамии мавзуи мазкурро дар он асоснок кардааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷинояти дар хатар монондан ба таври зарурӣ танзим нагардида, дар он баъзе норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд, ки чунин нуқсонҳо дар раванди татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало мушоҳида мегарданд.

Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия дар асоси мақсад ва вазифаҳои мушаххас таҳқиқоти ҳамаҷониба анҷом дода, барои бартараф намудани мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти ҷавобгарии ҷинояти дар хатар мононданд кӯшидааст. Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, аломатҳои бандубастшавада ва махсус бандубастшаванда инъикос гардидааст.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба талаботи таълифи рисолаҳои диссертатсионӣ мувофиқ аст.

Муаллифи диссертатсия навгонии илмии таҳқиқотро дар панҷ қисм асоснок кардааст:

– табиати ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавқеи он дар низоми қонунгузорӣ муайян гардидааст;

– қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан таҳқиқ гардида, гуногунрангӣ, норасоӣ ва бартарияти асоснокии ҷавобгарии ҷинояти мазкур дар КҶ кишварҳои узви ИДМ нишон дода шудааст;

– масоили объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифта, сарҳади ҷинояти мазкур аз дигар кирдорҳои ба он ҳамшабеҳ ҷудо карда шудааст;

– дар раванди таҳқиқ субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан мушаххасу муайян шуда, андешаҳои асосноки илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур ироа гардидааст;

– аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифта, парвандаҳои тафтишотиву судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, андешаҳои илман асоснок барои бартараф намудани норасоиҳо дар қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок шудааст. Сабки нигориш, гузориши масъала саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва хулосаи диссертатсия ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ пешниҳодҳо намудааст.

Новобаста аз дастовардҳо дар таҳқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд. Масалан, муаллиф дар автореферат ишора кардааст, ки барои анҷоми мавзуи таҳқиқотӣ зиёда аз 109 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аммо мушаххас нест, ки парвандаҳои баррасишуда (2017-2023) тамоми шаҳру навоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фарогиранд ё не?

Масъалаи дигар ин аст, ки дар қисмати нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда (банди 4, с. 13) таъкид шудааст, ки номи модда – «дар хатар монондан» ба «дар хатар монондании ҳаёт ва саломатии инсон» тағйир дода шавад. Сабаби иваз намудани номи модда шояд дар диссертатсия асоснок карда шуда бошад, аммо чунин ҳолат дар автореферати диссертатсия ба назар намерасад. Аз ин лиҳоз, дар рафти ҳимояи ошкорои диссертатсия, мехостем фикри муаллифро шунида бошем.

Эродҳои зикршуда хусусияти ҷузъи дошта, мазмуни автореферати диссертатсияи тақризшавандаро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Раҳматулло Файзулло кори илмии мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои он мантиқан дуруст ва илман асоснок гардида, баанҷомрасида мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Раҳматулло Файзулло сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ
д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д.Ш.

**Имзои Сангинзод Д.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардри Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

**«12» 12 2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121; Тел.: (+992) 37 224-13-83; сомона: www.tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj.